**ФАРМОИШИ**

**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «12» 10 соли 2016 № 3839 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Тартиби додани имтиёзҳо ба довталабон дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва банди 140 Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015, № 495 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби додани имтиёзҳо ба довталабон дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) бақайдгирии давлатии фармоиши мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интишори расмии онро таъмин намояд.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Фармоишҳои зерини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шаванд:

- аз 20 июли соли 2016, № 2146 «Дар бораи тасдиқи «Тартиби додани имтиёзҳо ба довталабон дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- аз 26 августи соли 2016, № 2817 «Дар бораи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 2016, № 2146».

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Б. Одиназода гузошта шавад.

Вазир Нуриддин Саид